# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

шурои диссертатсионии 6D.КОА-096 назди Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон (АИКТ) ба диссертатсияи Фозилов Ҷалолиддин Дусмуродович, дар мавзуи «Хусусиятҳои агроэкологии навъҳои интродуксионии олу дар шароити ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05- Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ.

Кори диссертатсионии Фозилов Ҷалолиддин Дусмуродович, дар мавзуи «Хусусиятҳои агроэкологии навъҳои интродуксионии олу дар шароити ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон» муҳим ва актуалӣ буда, тадқиқоти илмии ба анҷом расида ба ҳисоб меравад. Тадқиқоти илмӣ инчунин аҳамияти соҳавӣ дошта, бо мақсади омӯзиши хусусиятҳои агроэкологӣ ва селексионии навъҳои нави олу дар шароити ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон, бахри истифодабарии онҳо дар истеҳсолот ва селексия равона карда шудааст.

**Мубрамии мавзуи тадқиқот.** Гузаштан ба муносибатҳои иқтисоди бозоргонӣ, сохтори нави хоҷагидорӣ, ҳамроҳшавии ҷумҳурӣ бо Ташкилоти умумиҷаҳонии савдо, кишоварзон ва боғпарваронро вазифадор менамоянд, ки бештар маҳсулотҳои ба талаботи бозори дохилию беруна ҷавобгӯ бударо истеҳсол намоянд.

Олу яке аз дарахтони донакдори тез ҳосил диҳанда ва меваааш дорои хусусиятҳои беҳтарини табобатию ғизоӣ ба ҳисоб рафта, имрӯз дар бозори доҳилию беруна меваи тару тоза ва коркарди саноатии он мизоҷони худро пайдо кардааст.

Бинобар ин, ба даст овардани навъҳои нав ва интродуксияи онҳо дар шароти коллексионӣ, омӯхтану ҷудо намудани навъҳоиояндадор, барои пешниҳод кардан ба истеҳсолот ва корҳои селексионӣ мубрамии мавзуи тадқиқотро собит месозад.

Аз ин лиҳоз, унвонҷӯй омӯзиши навъҳои интродуксионии олуро дар шароити ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон бо мақсади иваз кардани навъҳои кӯҳна бо навъҳои серҳосилу аз ҷиҳати иқтисодӣ самаранок мавриди омӯзиш қарор додааст.

**Навгонии илмии тадқиқот.** Дар асоси омӯзиши ҳамаҷониба бори аввал гузариши марҳилаҳои фенологӣ, хусусиятҳои биоморфологӣ, агроэкологӣ, селексионӣ ва мутобиқшавии 8 навъи нави интродуксионии олуро дар шароити агроэкологии ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон муайян карда шудааст.

Устувории навъҳо ба каслиҳои асосии замбӯруғӣ, дараҷаи осебрасонии ҳашаротҳои зараррасон, ҳосилнокӣ, таркиби биохимиявии

мева ва самарнокии иқтисодии навъҳои нави интродуксионии олуро дар шароити минтақа амалӣ карда шудааст.

**Аҳамияти назариявӣ ва илмию амалии тадқиқот.** Дар натиҷаи гузаронидани таҷрибаҳои илмӣ аломатҳои арзишноки навъҳои нави интродуксионии олу, вобаста аз сифати молӣ, ҳосилнокии онҳо,, тобоварӣ ба ҳарорати баланди ҳаво, устувор будан ба касалии монолиоз дар шароити ноҳияи Данғара муайян карда шуд.

Баробари ин, имрӯз дар бисёре аз минтақаҳои ҷумҳурӣ боғҳои саноатии олу бунёд карда шудааст: аз ҷумла аз ҳисоби навъҳои олуи "Стенлей", "Блю фри", "Кабардинская раняя", "Визион" ва "Миробелла" дар Кооперативи тиҷоратию истеҳсолии "Сомонҷон"-и ноҳияи Данғара зиёда аз 30 га, "Боғи миллӣ"-и ноҳияи Бобоҷон Ғафурови вилояти Суғд 20 га, боғи "Хуталон"-и шаҳри Душанбе 5 га ва дар хоҷагии деҳқонии "Муродҷон - ота"-и шаҳри Турсунзода 40 га. Лекин то ҳол навъҳои зикргардида, мукаммал омӯхта нашудаанд, аз ин лиҳоз навъҳои зери омӯзиш қарор дода дар шароити ноҳияи Данғара аҳамияти калони илмию амалӣ доранд. Инчунин, натиҷаи тадқиқотҳо аз ҳисоби навъҳои ояндадор дар масоҳати 20 га дар Кооперативи тиҷоратию истеҳсолии "Сомонҷон"-и ноҳияи Данғара татбиқ карда шудааст.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар тадқиқот.** Муаллиф дар омода намудан ва интихоби дурусти мавзуи тадқиқотӣ, гузаронидани таҷрибаҳои саҳроию озмоишӣ, иҷрои амалии чорабиниҳои агротехникӣ, вобаста ба усулҳои таҷрибаҳои саҳроӣ, мушоҳидаҳои фенологию биометрӣ дар навъҳои навъ, таҳлили тағйироти миқдорию сифатӣ дар давраи нашъунамои онҳо, баҳодиҳӣ ба ҳосилнокии навъҳои интродуксионии олу, баҳодиҳии натиҷаҳои тадқиқот, муаррифӣ ва баррасии натиҷаҳои гирифташуда, чопи мақолаҳои илмӣ, таҳияи умумии диссертатсия ва автореферати он саҳми арзанда дорад. Автореферат мазмуни муҳтавои рисоларо дар бар гирифта, аслияти матни диссертатсияро инъикос менамояд.

Иштироки бевоситаи муаллиф ҷиҳати ба даст овардани натиҷаҳои илмӣ ба 85 % баробар мебошад.

**Интишорот аз руйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои тадқиқот дар 13 маводҳои интишорӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 7 мақола дар маводҳои Конференсияҳои ҷумҳуриявии илмиву назариявии АИКТ ва 1 мақолаи илмӣ дар Конференсияҳои байналмилалӣ ба чоп расиданд, ки мазмуну мундариҷа ва муҳтавои асосии тадқиқотро дар бар мегиранд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо.** Корҳои илмию тадқиқотӣ доир ба хусусиятҳои агроэкологии навъҳои интродуксионии олу дар асоси методикаи қабулшуда дар боғдорӣ “Программа и методика сортоизучения плодовых, ягодных и орехоплодных культур”, Орёл [1999] гузаронида шуда, матни диссертатсия дар барномаи компютерии Microsoft Word (2010) ва натиҷаҳои гирифташуда бо истифода аз усули таҳлили дисперсионӣ тибқи методикаи гузаронидани таҷрибаҳои саҳроии Б.А. Доспехов [1985] дар барномаи компютерии Microsoft Excel (2010) ба ҷо оварда шудаанд.

Мақолаҳо ва сарчашмаҳои илмии олимони ватанию хориҷӣ, ки ба омӯзиши масъалаҳои технологияи парвариш ва инкишофи навъҳои нави олу вобаста ба генотип ва шароити парвариши онҳо нигаронида шудаанд, асоси методологӣ ва назариявии таҷрибаҳоро ташкил медиҳанд.

Дар давраи нашъунамои навъҳои нави олу мушоҳидаҳои фенологӣ бо таҳлили нишондиҳандаҳои биометрӣ, баҳодиҳӣ ба ҳосилнокӣ, раванди пухтарасидани мева ва таркиби биокимиёвии меваҳо, вобаста ба дастурамал ва тавсияҳои методӣ истифода гардидаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва мазмуни кори диссартатсионии Фозилов Ҷалолиддин Дусмуродович аз рӯйи шиносномаи ихтисоси 06.01.05-Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ, инчунин ба талаботи феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷаи илмӣ дода мешавад ва бо қарори раёсати Комиссияи олии аттестасионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.10.2022 фармоиши №237/шд, ки дар он ҳуқуқи қабули диссертасияҳоро барои ҳимоя нишон дода шудааст, мувофиқат мекунад.

Кори диссертатсионии Фозилов Ҷалолиддин Дусмуродович дар мавзуи «Хусусиятҳои агроэкологии навъҳои интродуксионии олу дар шароити ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон» дар асоси талаботҳои Низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб дода шудааст.

Ташхиси аввалияи диссертатсия дар шуъбаи мевапарварӣ ва буттамевагиҳои Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон гузаронида шуда, натиҷаи он дар ҷаласаи Шурои олимони муассиса муҳокима гардидааст (протоколи № 6 аз 13.06.2025).

Дар хулосаи мазкур кори диссертатсионӣ мусбат арзёбӣ гардида, баҳои объективӣ дода шудааст.

Кори диссертатсионӣ дар 152 саҳифаи матни компютерӣ дарҷ гардида, аз муқаддима, 6 боби асосӣ, хулоса, тавсия ба истифодаи амалии натиҷаҳо, 16 замима ва рӯйхати адабиёти истифодагардида иборат аст. Кори илмӣ бо 23 ҷадвал, 16 расм ва 12 диаграммаҳо ороиш дода шудааст. Рӯйхати адабиёти истифодагардида 175, аз ҷумла 17 адабиёти хориҷиро дар бар мегирад.

Кори диссертасионӣ аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои пайдарҳамӣ ва натиҷаи нави илмии ба талабот ҷавобгӯ мебошад. Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 62-63-и Низомномаи Шурои диссертасионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ гардидаст, пешниҳод менамояд, ки кори диссартатсионии Фозилов Ҷалолиддин Дусмуродович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05-Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ ба Шурои диссартатсионии 6D.КОА-096-и назди Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон барои ҳимоя қабул карда шавад.

Комисияи экспертӣ диссертатсияи Фозилов Ҷалолиддин Дусмуродовичро дар мавзуи «Хусусиятҳои агроэкологии навъҳои интродуксионии олу дар шароити ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01. 05.- Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ-ро баррасӣ намуда, дар асоси банди 60- Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 таҳти №267)

**КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИ ҚАРОР МЕНАМОЯД:**

1. Диссертатсияи Фозилов Ҷалолиддин Дусмуродовичро дар мавзуи «Хусусиятҳои агроэкологии навъҳои интродуксионии олу дар шароити ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05. - Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ тадқиқотиашон ба ихтисоси 06.01.05 - Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ мувофиқат дорад, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

**-Гулов Саидалӣ Маъмурович** - аъзои вобастаи АМИТ, доктори илмҳои биологӣ, профессори кафедраи меваю сабзавот ва токпарварии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур;

**-Хусравбекова Зартогул Гулбековна** - номзади илмҳои кишоварзӣ, дотсенти кафедраи хизматрасониҳои тиббӣ-осоишгоҳии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон;

3. **Ба сифати муассисаи пешбар** - Институти биологии Помир ба номи академик Х.Ю. Юсуфбекови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон тавсия дода шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаи Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон ва Комисияи олии аттестасионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

6. Санаи ҳимоя 23.12.2025 соли 2025, соати $14^{00}$ муқаррар карда шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои кишоварзӣ Партоев Қ.

**Аъзоёни комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои биологӣ Каримов М.К.

номзади илмҳои билогӣ Умарова С.Ҷ.

10.10.2025